ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шарипов Сангимурод Исматуллоевич ба диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна дар мавзуи «Хусусиятҳои мундаричавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Истиқлолияти давлатӣ на танҳо дар пешрафти соҳаҳои мухталифи ҷомеа нақши муассир гузошт, балки барои омӯзиш ва баррасии мунсифонаи рӯзгор ва осори арзишманди публитсистони мумтоз заминаи мусоид фароҳам овард. Имрӯз аҳли таҳқиқ имкон доранд, ки дар мавриди муҳимтарин масъалаҳои илми журналистика изҳори назар намоянд. Равшан аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи рӯзгор ва осори публитсистони тоҷик маҳз дар замони истиқлолияти давлатӣ рангу равнақи тоза гирифта, дар қатори нависандагони насри бадеӣ осори публитсистон низ ба риштаи таҳқиқ пазируфта гардид. Ҳарчанд чунин тасмим дар адабиётшиносӣ ва журналистикаи рус ва кишварҳои дигар собиқаи тӯлонӣ дорад, аммо дар адабиётшиносӣ ва публитсистикаи тоҷики замони шӯравӣ ба ҷуз корҳои башумор роҷеъ ба публитсистикаи С. Айнӣ, М. Турсунзода ва чанд адиби дигар таҳқиқоти ба ин масъала марбут рӯи кор наомадаанд. Хуб аст, ки пас аз истиқлолияти кишвар ба омӯзиши публитсистикаи ашхоси алоҳида таваҷҷуҳ бештар шуд, ки пажӯҳишҳои А. Саъдуллоев, М. Муродӣ, О. Салимзода, С. Ҳайдаров, С. Гулов, А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова, С. Шарипов, М. Салим ва дигарон намунае аз онҳост.

Таҳқиқи публитсистикаи ё он адиб падидаи хуби илмӣ буда, дар шинохти марҳили таърихии публитсистика ва ҳамчунин журналистика нақши муассир дорад. Як нуктаи ҷолиб ин аст, ки фаъолияти адибони муҳоҷир дар адабиётшиносии тоҷик ҳарчанд дар шакли як-ду рисола ба анҷом расида бошад, аммо шахсият ва осори публитсистоне, ки аз дигар

қаламрави забони форсӣ омада, дар Тоҷикистони Шуравӣ кору фаъолият бурданд, ҳанӯз ба риштаи омӯзиш кашида нашудаанд. Ба хусус, дар илми рӯзноманигорӣ баррасӣ намудани чунин қазия кам андар кам сурат гирифтааст. Бо дарназардошти ин нукта диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировнаро аз назари интихоби мавзуъ тоза ва муҳим метавон арзёбӣ кард.

Таҳқиқи насри публитсистӣ ва зиндагиномаву осори публитсистони форсизабон дар қаламрави Тоҷикистон аз мавзуъ ва масъалаҳои камомӯхтаи илми публитсистика ва журналистикаи тоҷик аст, ки бо вуҷуди рӯйи кор омадани баъзе аз корҳои илмӣ ҳанӯз ба таври густарда мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз нуқтаи назари таҳқиқ дур мондани ин масъала ба чандин омил вобаста аст, ки баррасии он мавзуи дигарест.

Диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна – «Хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар» бо дарназардошти мулоҳизоти зикршуда ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва мубрами публитсистикаи тоҷик бахшида шуда, фарогири матолиби илмӣ ва андешаҳои ҷолиб мебошад.

Дар диссертатсия ҳаёт ва эҷодиёти Ҳилолиён Аскар – яке аз рӯзноманигорон, публитсистон ва нависандагони адабпарвар, ба таври мукаммал таҳқиқ шудааст, ки тасмими хуб ва таҳқиқи тоза дар ин самт мебошад. Ҳилолиён Аскар аз рӯзноманигорон ва публитсистони матбуоти даврии замони шуравӣ маҳсуб меёбад, ки тадриҷан бо таълифи асарҳои бадеии публитсистӣ дар фазои адабӣ ва фарҳангии замони худ шинохта шудааст. Осори публитсистии ӯ таҷассумгари ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии тоҷиконро дар доираи сиёсати замон ба пуррагӣ фаро гирифта, мутолиаи он симои равшани нависандаро ба намоиш меоварад.

Дисертант барои ба низом даровардани пажӯҳиш сохтори диссертатсияро ба мукаддима, чаҳор боб, ҳашт фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт ҷудо намудааст. Сохтори кор аз назари банду баст, мундарича,

мухтаво ва масъалагузорӣ ба меъёрҳои таълифи диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ аст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда, навгониҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, арзиши назариву амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ бо баррасиҳои асоснок муаррифӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия «Ҳаёт ва эҷодиёти Ҳилолиён Аскар дар воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии замон» унвон гирифта, дар он вазъи замон, муҳити иҷтимоии адиб ва самтҳои асосии фаъолияти эҷодии Ҳ. Аскар мавриди омӯзиш ва таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Омӯзиш ва таҳқиқи рӯзгору осори Ҳилолиён Аскар ба муаллифи рисола имкон додааст, ки ҷараёни адабӣ ва тамоюлоти иҷтимоии замонро муайян ва ҷойгоҳи публитсистии адибро дар таҷассуми вазъи замон таъин созад. Афзун бар ин, дар контексти муайян ба шакл даровардани зиндагиномаи Ҳилолиён Аскар аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар шинохти бештари шахсият ва ҳунари нигорандагии ӯ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

«Вижагиҳои мавзуии асарҳои Ҳилолиён Аскар» боби дуюми рисола аст, ки дар он унсурҳо ва сохтори мундаричавии осори адиб ба таври нисбатан муфассал таҳқиқу баррасӣ шудааст. Дар асарҳои алоҳидаи Ҳ. Аскар чеҳраҳои иҷтимоӣ ва ташаккулу таҳаввули шахсияти онҳо мавқеи намоён дорад. Ба таҳқиқ пазируфтани ин паҳлуи публитсистикаи адиб дар журналистикаи тоҷик аз ҳадафҳои ниҳоят босамар мебошад. Таснифи осори публитсистии адиб аз нигоҳи мавзуъ ва ба баррасӣ кашидани он на танҳо дар муайян намудани дараҷаи инъикоси муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии замон, балки дар бозтоби зиндагинома, осор ва кашфи вижагиҳои эҷодии публитсист аҳамиятнок аст. Муаллифи диссертатсия бо дарназардошти меъёрҳои сиёсиву иҷтимоии замон ва марҳили таърихии афкори адабӣ ва публитсистӣ осори публитсистӣ ва публитсистиву бадеии

Ҳ. Аскарро таҳлил намуда, мавқеи ӯро дар инъикос ва тасвири воқеиятҳои муҳими замон ва бо бозтоби ҳунарии онҳо нишон додааст.

Боби сеюми диссертатсия фарогири ҷустуҷуйҳои муаллиф перомуни публитсистикаи бедеии Ҳилолиён Аскар мебошад. Дар ин боб, ки аз ду фасл таркиб ёфтааст, ба ду мавзуи муҳим – ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии адиб ва консепсияи шахсият дар публитсистикаи бадеии ӯ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Муайян намудани ҷанбаҳои публитсистии эҷодиёти ин ё он адиб аз муҳимтарин тасмимот маҳсуб мешавад, ки муносибати ӯро нисбат ба воқеоти давр фаро мегирад. Маълум мегардад, ки ҳамқадамии нависанда бо замон ва мунсифона ба риштаи тасвир кашидани набзи рӯз аз ҷониби ӯ боиси ба ҳам созгор омадани ду ҳақиқат – ҳақиқати иҷтимоӣ ва ҳақиқати ҳунарӣ шудааст. Муаллифи рисола зимни таҳқиқи осори нависанда ба консепсияи шахсият дар публитсистикаи ӯ махсус таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба ин васила вижагиҳои шахсиятсозии Ҳилолиён Аскарро дар асарҳои алоҳида нишон медиҳад.

Боби ниҳоии диссертатсия ба вижагиҳои жанрии осори публитсистии нависанда ихтисос ёфта, ин масъала бо нигоҳи густардаи илмӣ ва таҳлилӣ баррасӣ гардида, муҳимтарин ҷанбаҳои жанрии осори нависанда бо таҳлили намунаҳои ҷудогона муайян карда шудааст.

Ин боби диссертатсия аз бахшҳои калидии таҳқиқ маҳсуб ёфта, арзиши назарӣ ва амалии онро таъмин намудааст. Дар фасли якуми он муаллиф матолиби рӯзноманигорӣ ва публитсистии Ҳ. Аскарро бо дарназардошти хусусиятҳои жанрӣ, таносуби воқеаву факт, факту шарҳ ва амсоли ин баррасӣ намудааст, ки дар таҳқиқи вижагиҳои жанрии публитсистикаи адиб тасмими аввалин мебошад. Ба ҳамин минвол, дар фасли дуюми боби чаҳорум ба хусусиятҳои жанрии осори бадеию публитсистии адиб таваҷҷуҳ зоҳир шуда, маҳорат ва ҳунари нависанда дар интихоби мавзуъ, таҳияи сохтори асар, таносуби факту образ, гунаҳои образсозӣ, истифодаи аносири тасвири сухан, унсурҳои ҷолибсози асар ва мисли ин нишон дода шудааст.

Умуман, дар ин боб, масъалаи шинохти осори нависанда аз назари хусусиятҳои жанрӣ бо камоли масъулият ва жарфнигарӣ баррасӣ гардида, тариқи таҳлилҳои муфассал хусусиятҳои умумӣ ва хоссаи асарҳои ҷудогонаи нависанда муайян карда шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертант дар шинохти шахсияти ҳунарӣ, маҳорати шахсиятсозӣ, мухтассоти осор, вижагиҳои афкор, ҳунари нависандагӣ, фаъолияти рӯзноманигорӣ, хусусиятҳои осори публитсистӣ ва дигар ҷанбаҳои эҷодии Ҳилолиён Аскар муваффақ гардида, натиҷаи таҳқиқи худро дар шакли рисолаи илмии арзишманд пешниҳод намудааст.

Хулосаҳои таҳқиқи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо далелу аснод асоснок карда шудааст. Диссертатсия сохтори муайяни илмӣ дорад, дар он метод ва методологияи таҳқиқ риоя шудааст. Бобу фаслҳои дисертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд, онҳо якдигарро пурра мекунанд ва дар умум, тарҳи комили мавзуи таҳқиқро намо медиҳанд.

Ҳамин тавр, мутолиаи ҳаматарафаи диссертатсия, ҳамчунин автореферати он ба мо имкон медиҳад, хулоса намоем, ки муаллиф барои таҳқиқ мавзуи муҳим ва мубрамро интихоб намудааст. Ӯ мундариҷаи диссертатсияро дуруст ба низом дароварда, ҷанбаҳои гуногуни мавзуъро холисона ва илмӣ таҳлил намуда, хулосаҳои мувофиқ ҳосил намудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузоштаи муаллиф ҷиҳати ҳалли мавзуи мазкур ичро шудаанд.

Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳашон дар пажӯҳишҳои минбаъда ба нафъи илми публитсистикашиносӣ хоҳад буд:

1. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ, ки дар муқаддима зикр ёфтааст, муаллиф пажӯҳишҳои бевосита ба мавзуъ алоқамандро хеле муфассал шарҳ додааст. Дар ин бахш агар аз муҳаққиқон М. Муродӣ, О. Салимзода, С. Ҳайдаров, С. Гулов, А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова, С. Шарипов, М. Салим ва дигарон, ки бевосита публитсистикаро объекти

пажӯҳиши худ қарор додаанд, ёд мешуд, доманаи илмии ин бахш вусъат пайдо мекард.

2. Ба назар чунин мерасад, ки дар раванди баррасии мавзуъ, бахусус дар боби чоруми кор ҷасорати илмии муаллиф камтар аст. Аз ҷумла ӯ дар фасли аввали боби мазкур мақолаи иҷтимоиро ҳамчун навъи мустақил ҳисоб кунад ҳам, мавқеашро чандон равшан баён накардааст. Ҳамчунин диссертант бештар ба ҳусни асарҳои публитсистиии Ҳ. Аскар эътибор медиҳад. Табиист, ки ҳар гуна осор аз камбудӣ орӣ буда наметавонад. Агар диссертант ба ин ҷиҳат низ аҳамият медод, илмияти кор боз ҳам баланд мешуд.

3. Як фасли кор ба таҳқиқу таҳлили очерки проблемавӣ бахшида шуда бошад ҳам, аз ҷумла очерки «Аз Мастчоҳ то Мастчоҳ», аммо дар рафти таҳлил ба ҷанбаҳои назарии ин навъи очерк, ки барои муайян намудани вижагиҳои он ёрӣ мерасонанд, камтар иктифо шудааст. Ҳамчунин ба очерки «Аз Мастчоҳ то Мастчоҳ» дар фаслҳои ду ва се таваҷҷуҳ шудааст. Агар он дар алоҳидагӣ таҳлил мегардид, имконияти иктишофи вижагиҳои хоссааш бештар мегардид.

4. Дар фасли аввали боби чорум, ки матолиби хабариву таҳлилӣ ва хусусиятҳои сохтории онҳоро фаро мегирад, ибораи «хабари воқеадор» таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб намуд, ки падидаи нав аст. Аммо чун сарчашма зикр наёфтааст, наметавон дарёфт, ки он ихтирои муаллиф аст ва ё иқтибос аз муҳаққиқи дигар.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии диссертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст. Диссертатсияи мавриди назар таҳқиқи мустақилона буда, аҳамияти назариявию амалӣ дорад.

Автореферат ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 3-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Зарипова Шаҳноза Тоҳировна дар мавзуи «Хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии публитсистикаи Ҳилолиён Аскар» таҳқиқи баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Он бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалиаш ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Муқарризи расмӣ:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи рӯзноманигории
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шарипов С. И.
«12» декабри соли 2022.

Суроғa:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj

Имзои С. И. Шариповро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ. А.
«12» декабри соли 2022.